Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

15 марти соли 2003. Шанбе № 20 (12863)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.00 имзо гардид.

## Супурдани эътиборномаҳо

Дар қароргоҳи Оқсарой 12 март Хосе Мария Роблес Фрага, ки Сафири Фавқулодда ва Мухтори Шоҳигарии Испониё дар мамлакати мо таъин гардидааст, ба Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов эътиборномаи худро супурд.

Аввали соли кунун сарвари мамлакати мо бо сафари давлатӣ ба Испониё ташриф оварда буд. Дар натиҷаи ин сафар бисёр созишномаҳое ҳосил гардиданд, ки муносибатҳои дуҷонибаамонро ба дараҷаи нав баланд мебардоранд. Аз ҷониби Испониё таъин гардидани сафири нав бошад, омили муҳим дар бобати ба ҳаёт татбиқ кардани созишномаҳои мазкур мегардад.

Президент Ислом Каримов сарвари миссияи дипломатиро ба ин вазифаи волову масъулиятнок таъин гардиданаш муборакбод намуда, дар фаъолияти минбаъдаааш комёбиҳоро таманно сохт.

Хосе Мария Роблес Фрага барои пазироии гарму ҷӯшон миннатдорӣ изҳор намуда, зикр кард, ки ният дорад дар таҳияву амалӣ гардондани лоиҳаҳои нави сиёсиву иқтисодӣ иштирок намояд.

***

Худи ҳамон рӯз ба Президент Ислом Каримов эътиборномаи худро Абдул Самад супурд, ки Сафири Фавқулодда ва Мухтори Афғонистон дар Ӯзбекистон таъин гардидааст.

Имрӯзҳо Афғонистон ба барҳам задани оқибатҳои ҷанги чорякасрина шурӯъ намудааст. Дар ин кор Ӯзбекистон ҳам саҳми худро мегузорад. Барои мисол муштаракан бо кӯпруксозони Ӯзбекистон дар роҳи мошингарди Кобул-Хайратон ҳоли ҳозир чор кӯпрук сохта шуданашро гирифтан мумкин аст. Ӯзбекистон ҳамчунин дар бурда расондани кӯмаки башардӯстона ба халқи афғон иштирок мекунад.

Абдул Самад зикр намуд, ки аз он фахру ғурур дорад, ки ба Президент эътиборномаи худро ба сифати аввалин Сафири Фавқулодда ва Мухторii мамлакати худ дар Ӯзбекистон месупорад. Вай ҳамчунин зикр намуд, ки азму амали хайрхоҳонаи Ислом Каримовро дар бобати ҷалб сохтани диққату эътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мамлакати ӯ воло арзёбӣ мекунад, ки дар тӯли бисёр солҳо ба рӯи об мебарорад.

***

Эътиборномаи худро ба Президенти Ӯзбекистон ҳамчунин Ҳасим Солеҳ супурд, ки Сафири Фавқулодда ва Мухтори Индонезия дар мамлакатамон таъин гардидааст.

Ҳангоми мулоқот аз рушди ҳамкорӣ байни Ӯзбекистон ва Индонезия, ҳамчуниш аз хусуси бисёр имкониятҳое ҳарф зада шуд, ки минбаъд истифода бурдани онҳо мувофиқи мақсад мебуд. Аз он ҷумла, Ӯзбекистон метавонад бо Индонезия дар соҳаи азнавкоркард ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ ҳамкорӣ намояд.

Дар айни замон доираҳои корчаллони мамлакатҳоямон равобити байниҳамдигарии худро дар чунин соҳаҳо, аз қабили соҳибкории меҳмонхонагӣ ва коммуникатсияҳо ба роҳ мондаанд.

Президент Ислом Каримов ба сафири Индонезия дар иҷрои вазифааш комёбиҳои калонро таманно намуд.

***

Президент Ислом Каримов эътиборномаи Дмитриос Параскевопулосро қабул кард, ки Сафири Фавқулодда ва Мухтори Юнон дар Ӯзбекистон таъин гардидааст.

Муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Юнон собитқадамона инкишоф меёбанд. Байни ду мамлакат сафарҳои давлатӣ ба дараҷаи воло амалӣ гардонда, асосҳои мустаҳками ҳуқуқии ҳамкорӣ ба вуҷуд оварда шудаанд.

Сарвари Ӯзбекистон сафири Юнонро ба ин вазифаи волову масъулиятнок таъин гардиданаш муборакбод намуда, дар иҷрои вазифааш дар Ӯзбекистон комёбиҳоро таманно сохт.

Дмитриос Параскевопулос зикр намуд, ки мамлакати ӯ ба масъалаи вусъати минбаъдаи ҳамкории ҳамаҷониба бо Ӯзбекистон диққату эътибори махсус медиҳад. Ҳамчунин зикр намуд, ки Юнон ҳоли ҳозир ба Иттиҳоди Аврупо раисӣ мекунаду рушди муносибатҳои Ӯзбекистонро бо ин ҳамҷамъият яке аз вазифаи устувор баррасӣ менамояд.

***

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 13 март дар қароргоҳи Оқсарой эътиборномаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Мексика дар мамлакатамон Раул Фортунанто Кардосо Майкотаро қабул карда гирифт.

Ислом Каримов сафирро ба ин вазифаи фахриву масъулиятнок таъин гардиданаш муборакбод намуда, зикр кард, ки байни Ӯзбекистон ва Мексика амалиёти мутақобила дар бисёр соҳаҳо, аз он ҷумла, ҳамкории сиёсӣ дар доираи ташкилотҳои байналхалқӣ инкишоф меёбад.

Ӯзбекистон ворид шудани Мексикаро ба узвияти (ЭКОСАН Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ) ва Шӯрои иҷрогари Ташкилоти умумиҷаҳонии метеорологӣ ҷонибдорӣ намуд. Мексика бошад, дар Тошканд гузарондани маҷлиси ҳарсолаи Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупоро маъқул донист. Байни мамлакатҳоямон ҳамкории пурсамар дар соҳаи таълим ба роҳ монда шудааст. Ҳар сол, яъне аз соли 2000 эътиборан чанд донишҷӯи ӯзбекистонӣ дар асоси грантҳои Ҳукумати Мексика ба таҳсил ба муассисаҳои таълими олии мамлакати мазкур роҳ пеш мегиранд.

Ҳангоми сӯҳбати Президент бо сафири Мексика оид ба масъалаҳои ҳамкории дуҷониба дар соҳаи савдо, сармоягузорӣ, сайёҳӣ, кишоварзӣ ва саноати бофандагӣ мубодилаи афкор ба амал омад.

***

Худи ҳамон рӯз ба Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов эътиборномаи худро Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Хорватия дар Ӯзбекистон Амир Муҳаррамӣ супурд.

Ҳангоми мулоқот зикр ёфт, ки Ӯзбекистон ва Хорватия аз рушди ҳамкорӣ манфиатдоранд. Хорватия, ки дар маркази Аврупо ҷойгир гардидааст, соли 2004 ба узвияти Иттиҳоди Аврупо ва НАТО шомил мегардад. Аз ин нуқтаи назар Ӯзбекистон ва Хорватия дарвозаи ба худ хос дар минтақаҳои худ шуда метавонистанд.

Амир Муҳаррамӣ барои пазироии гарму ҷӯшон миннатдорӣ изҳор намуда, изҳори боварӣ кард, ки қуввaву ғайрати худро ба рушди муносибатҳо байни Ӯзбекистон ва Хорватия дареғ намедорад.

***

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Словения дар мамлакатамон Франси Демшар эътиборномаи худро ба Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурд.

Словения ҳам соли 2004 аъзои Иттиҳоди Аврупо ва НАТО мегардад. Ҳангоми сӯҳбат Президент Ислом Каримов бо сафир зикр намуд, ки воқеаи мазкур имкониятҳои навро барои рушди равобит байни Ӯзбекистон ва Словения ва умуман барои ҳамкории мамлакати мо бо давлатҳои Аврупо фароҳам меоварад.

Ф.Демшар хабар дод, ки ҳукумати ӯ ба Ӯзбекистон фиристодани ҳайати вакилони сернамояндаро барои гузарондани гуфтушунидҳо оид ба вусъат додани ҳамкорӣ ва ба имзо расондани ҳуҷҷатҳоро аз рӯи аҳду паймони ҳосилгардида ба нақша гирифтааст.

Президент Ислом Каримов ба сафири Словения дар фаъолияти дар пешистодааш комёбиҳоро таманно намуд.

***

Ба Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов 13 март эътиборномаи худро Сафири Фавқулодда ва Мухтори Шоҳигарии Норвегия дар Ӯзбекистон Ойвинда Нордслеттен супурд.

Вақтҳои охир диққату эътибори ҷониби Норвегия ба масъалаи ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон пурзӯр мегардад. Дар ин бобат амалиёти мутақобила бо Ӯзбекистон, ки гурӯҳи муҳандисӣ ва бинокории «Квернеланд», фирмаи дорусозии «Никомед Дак», корхонаи саноати нафту кимёи «Гронер Карри энд Браун»-и Норвегия зоҳир мекунанд, боиси диққату эътибор аст.

Президент Ислом Каримов дар ин бобат изҳори боварӣ намуд, ки ҳамкорӣ бо Норвегия, ки дар ҷаҳон аз рӯи содироти нафт ҷои сеюмро ишғол менамояд, дар бобати азхудкунии конҳои нафту гази мамлакатамон натиҷаҳои назаррасро мебахшад.

Сафир иброз дошт, ки минбаъда рушд бахшидан ба муносибатҳои байни Ӯзбекистону Норвегия ба вай шарафи калон мебошад.

***

Худи ҳамон рӯз ба Президенти Ӯзбекистон эътиборномаи худро Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Африқои Ҷанубӣ дар мамлакатамон Собизиана Мнгкикана супурд.

Ҳамкории дуҷониба байни Ӯзбекистон ва ҶАҶ мувофиқи манфиатҳои байниҳамдигарӣ инкишоф меёбад. Намояндаи ҶАҶ дар конфронси байналхалқӣ таҳти унвони «Осиёи Марказӣ—минтақаи аз силоҳи ядроӣ орӣ», ки моҳи сентябри соли 1997 барпо гардида буд, иштирок намуда, ташаббуси мазкурро васеъ ҷонибдорӣ кард. Ҳоли ҳозир дар ҳар ду мамлакат барои ба вуҷуд овардани заминаи ҳуқуқии ҳамкории сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ майлу шавқ калон аст.

Ҳангоми сӯҳбат диққату эътибор ба ҳамкории иқтисодӣ нигаронда шуд. Аз рӯи хатти ширкати ИМА «Нюмонт Майнинг» ба Ӯзбекистон аз ҶАҶ таҷҳизот барои саноати кӯҳканӣ оварда шуд. Дар байни мутахассисони ширкати мазкур, алҳол дар мамлакати мо фаъолият пеш мебаранд, шаҳрвандони ҶАҶ ҳам ҳастанд. Дар Ӯзбекистон Ширкати ҶАҶ оид ба истихроҷи тиллои «Голд Филдз» фаъолият пеш мебарад.

Аз рӯи хабарҳои расмӣ дар вақтҳои наздик ба мамлакати мо ҳайати вакилони Вазорати захираҳои маъданӣ ва барқии ҶАҶ меояд, ки масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкориро дар соҳаи саноати кӯҳканӣ муҳокима менамояд.

**(ӮзА).**



*Беҳзод Ҳусаинов сарвари бригадаи хоҷагии ёрирасони маҷмӯи газу кимёи Шӯртани Ширкати «Узнефтегазтаъминот» мебошад. Хоҷагии мазкур дар ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарё ҷойгир аст. Соли гузашта аз ҳар яки 20 гектари ғаллазор 33 сентнерӣ ҳосил бардошта буд. Имсол аз ин ҳам марраи баландро фатҳ карданист.*

*Дар сурат: Беҳзод Ҳусаинов.*

**Аксбардор: Рашид СОДИҚЗОДА.**

**Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

## Дар бораи ба захира ҷавоб додани шаҳрвандоне, ки мӯҳлати муқаррargardидаи хизмати бамӯҳлати ҳарбӣ ва муқобилро адо кардаанд ва даъвати навбатӣ

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи ӯҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» Девони Вазирон **қарор мекунад:**

1. Аз сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон шаҳрвандоне, ки мӯҳлати муқаррargardида:
хизмати бамӯҳлати ҳарбиро адо кардаанд, ба захира;
хизмати муқобилро адо кардаанд, ба мустаъфӣ ҷавоб дода шаванд.

2. Моҳҳои апрел-маи соли 2003 ба хизмати бамӯҳлати ҳарбиву муқобил шаҳрвандони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ки соли таваллудашон 1976-1985 мебошанду барои ба маъқуф гузоштани даъват ҳуқуқ надоранд, даъват карда шаванд.

Шахсоне, ки барои гузарондани хизмати бамӯҳлати ҳарбӣ қодиранд ва барои ба маъқуф гузоштан ва аз он озод кардан ҳуқуқ надоранд, зале ба дар рафти даъвати кунунӣ ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ даъват карда намешаванд, ба захираи даъватии сафарбаркунанда шомил гардонда шаванд.

3. Ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷоя бо Вазорати дифои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки ба мақсади хушсифат таъмин кардани Қувваҳои Мусаллаҳ бо даъватшавандагон кори босамари комиссияҳои даъваткуниро дар маҳалҳо ҳамаҷониба ба иҷро расонанд.

4. Ба Вазорати тандурустӣ (Ф.Назиров) якҷоя бо Вазорати дифои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон (Қ.Ғуломов) супурда шавад, ки қитъаҳои даъватиро бо таҷҳизоту амволи тиббӣ таъмин сохта, хушсифат гузарондани тадқиқотҳои лабораторӣи даъватшавандагон ва муоинаи ҳамаҷонибаи тиббии онҳоро аз тарафи духтурони баландмалакаи тахассусашон мухталиф ба рӯи об бароранд. Обективнокии муоинаи тиббии даъватшавандагонро, аз он ҷумла тавассути кори босамари комиссияҳои тиббии муқобил ташкил намоянд.

**Раиси Девони Вазирон И.КАРИМОВ.**

Шаҳри Тошканд, 13 марти соли 2003.

## Технологияҳои замонавӣ кафолатгари сифат аст

Деҳқонон ба корҳои баҳории кишту кор шурӯъ намуданд. Ин чунин маънӣ дорад, ки корхонаҳои азнавкоркарди маҳсулот бояд ба мавсим омодагии пухта бинанд. Мақсади асосӣ тезу хушсифат аз нав кор кардани ҳосили рӯёнда, роҳ нагузоштан ба зиёд сарф гаштани маблағ, тайёр намудани маҳсулоти аълосифат мебошад.

Дар семинар-машварати намунавии ҷумҳурӣ, ки дар ноҳияи Ӯртачирчиқи вилояти Тошканд ба амал омада, масъалаҳои азнавҷиҳозонии корхонаҳои азнавкоркарди пахта бо технологияҳои замонавӣ ҳаматарафа муҳокима гардид.

Семинар-машварат таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.Ҷӯрабеков гузашт.

Имрӯзҳо дар низоми Ассотсиатсияи «Ӯзпахтасаноат» беш аз 110 заводи пахтатозакунӣ кор мекунад. Соли гузашта қисми зиёди ашёи хом бо навъҳои баланд қабул гардиданд. Оқибат то ҳоли ҳозир ба истеъмолгарон 82 фоиз нахи навъи якум расонда шуд. Дар семинари намунавӣ чунин рақамҳо ба забон гирифта шуданд: дар асоси технологияи мавҷуда аз як тонна пахта 32,5 фоиз нах, 51,8 фоиз пунбадона гирифта шуд. Ва ин нишондиҳанда на деҳқонон ва на азнавкоркунандагони маҳсулотро қонеъ мегардонад. Дар айни замон ин нишондиҳандаҳо дар як қатор вилоятҳо паст мебошад. Сабаби он дар ҳамин аст, ки техника ва технологияи истифодабарандаи онҳо хеле кӯҳна шудаанду бисёр корҳоро дастӣ ба иҷро расондан лозим меояд. Ва он ба арзиши аслӣ ва сифати маҳсулот таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ин бобат фаъолияте, ки дар Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Хлопкоочистителный завод Қаросув»-и ноҳияи Ӯртачирчиқ ба иҷро расонда мешавад, боиси диққату эътибор аст. Сарварон ва мутахассисони корхонаи мазкур имкониятҳои дохиларо ба инобат гирифта, бинои асосӣ ва сехи пахтатозакуниро пурра аз нав ҷиҳозониданд. Аз он ҷумла, агрегатҳои тозакунӣ нав карда тарозуҳои электронӣ барои баркашидани хирмани пахта ва тухмии техникӣ гузошта шудаанд. Ба туфайли технологияи нав вазни қиёсии нах афзуда, сифати он беҳтар гардид. Бар асари механиконидани бисёр корҳо арзиши аслии маҳсулот хеле кам гардидааст.

Дар семинар-машварати намунавӣ тавсияҳо оид ба васеъ истифода бурдани технологияҳои заводи пахтатозакунии «Қорасув» дода шуданд. То оғози маъракаи ҳосилғундорӣ имконияти нисфӣ бо ин технологияҳо ҷиҳозонидани заводҳои соҳа мавҷуданд. Баробари ба иҷро расондани корҳои мазкур ҳаҷми истеҳсоли нах меафзояд.

Иштирокдорони тадбир бо кори технологияҳои пешқадаме, ки дар заводи пахтаи «Қорасув» гузошта шудаанд, ободонӣ аз наздик ошно гардиданд.

Дар семинар-машварат ҳокими вилояти Тошканд У.Мирзоқулов иштирок намуд.

**Неъмат ДУШАЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

## Ҳамкорӣ вусъат меёбад

Ҳайати вакилон, ки таҳти сарпарастии Сармуншии Федератсияи байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар Диде Шерпител дар мамлакатамон меҳмон мебошад, бо Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ӯткир Султонов вохӯрданд.

Диққату эътибори асосӣ ҳангоми гуфтушунидҳо ба рушди минбаъдаи ҳамкорӣ байни ин ташкилоти байналхалқӣ ва Ҳукумати Ӯзбекистон нигаронда шуд.

Ҳангоми сӯҳбат дар Вазорати умури хориҷа бо сарвари идораи сиёсати берунаи мамлакатамон Абдулазиз Комилов аҳду паймон дар бобати минбаъда мустаҳкам кардани ҳамкорӣ дар бобати ба амал баровардани барномаҳои инсонпарварӣ ҳосил гардид.

Худи ҳамон рӯз аъзоёни ҳайати вакилон дар коллеҷи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Ӯзбекистон меҳмон гардиданд. Ҳангоми вохӯрӣ бо муҳассилини муассисаи мазкури таълимӣ сухан дар бораи корҳое рафт, ки ташкилоти мазкури байналхалқӣ мегузаронад ва дар хусуси иштироки фаъолонаи Ӯзбекистон дар онҳо ҳарф зада шуд.

**Озод Раҷабов,**
**мухбири ӮзА.**

**Муносибат**

## Мавқеи мо аниқ аст

Таъмини эътидол, сулҳ, ҳамдилии байнимиллӣ ва шаҳрвандӣ дар мамлакатамон, дахлнопазирии сарҳадҳоямон, якҷоягии қаламрави ҷумҳурият, дар муҳити дӯстиву рафоқат ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳаёт ба сар бурдан бо халқҳои мамлакатҳои ҷаҳон, ҳаллу фасли низои дилхоҳ бо роҳи гуфтушунидҳо самти устувори сиёсати моро ташкил медиҳад. Ӯзбекистон ба корҳои дохилаи дигар мамлакатҳо дахолат намекунад ва дар айни замон ба воқеаҳое, ки дар ин гӯшаву канори дунё рух медиҳанду ба мамлакат ва саросари ҷаҳон таҳдид мевааранд, бефарқ буда ҳам наметавонад.

Ва ин мавқеъро дар мисоли муносибат ба бӯҳронии Ироқ ҳам мушоҳида кардан мумкин асту онро сарвари давлатамон ҳини конфронси матбуот бо иштироки Президенти Словакия возеху равшан баён сохтанд. Яъне мо арзи амали Амрикоро дар масъалаи Ироқ ҷонибдорӣ мекунем ва бесабаб ҳам нест.

Воқеаҳои Афғонистонро ба хотир оварем. Чандин резолютсияҳои СММ доир ба он қабул гардиданд. Вале ягонтои он иҷро нагардид ва толибон ҳатто онро гӯш ҳам наандохтанд. Аз ҳамин сабаб муоҳидаи байналхалқии зидди терроризм зарба заду онро халқамон ҷонибдорӣ намуд. Охиру оқибат, Афғонистони ҷафокаш аз дастаи зулмкорон озод гардида халқи он ҳаёти осудаҳолонаро ба сар мебараду мардуми Ӯзбекистон миннатдор аст.

Ироқ ҳам бояд резолютсияҳои СММ-ро бечуну чаро иҷро намояд. Махсусан резолютсияи рақами 1441-уми онро. Вале роҳбарияти Ироқ ба он хунукназарона муносибат карда, бо ҳар баҳона ба фаъолияти инспекторони СММ халал мерасонад. Чунки намехоҳад мабодо аз сирру асрори силоҳи маргофарашон касе бохабар мегардад. Агар Ироқ силоҳи кимёвӣ, биологӣ надошта бошад, пас курдҳоро бо кадом силоҳ заҳролуд гардондааст. Ракетаҳои дурпарвоз надошта, пас чаро дар пеши назари инспекторон чандин ракетаҳои замонавӣ несту нобуд карда шуданд? Аз ин мебарояд, ки дар Ироқ дар бобати офариниши силоҳи замонавӣ, алалхусус силоҳи қатли умум сирру асроре ниҳон аст, ки аз ошкор шудани он роҳбарияти мамлакат метарсаду дар назди аҳли ҷамъияти ҷаҳон шармандa шуданаш муқаррар аст.

Масъалаи силоҳпартоии Ироқро кашол додан мумкин нест. Мабодо агар ин силоҳ ба дасти террористони байналхалқӣ афтад, дар он сурат қиёмат қоим шуданаш муқаррар аст. Аз ҳамин сабаб мамлакати мо мавқеи Амрикоро дар ин бобат ҷонибдорӣ мекунад ва он пеш аз ҳама барои сохтани манбаъҳои терроризм нигаронда шудааст.

**Т.ЭҲСОН.**

## «Меҳнат, экология ва саломатӣ»

**Дар доираи зинаи якуми барномаи тадбирҳои Рӯзҳои экология ва тандурустӣ дар Иттиҳодияи истеҳсолии авиатсионии ба номи В. Чкалови Тошканд дар мавзӯи «Меҳнат, экология ва саломатӣ» конфронси сеюми байналхалқӣ ба амал омад. Ташкилотчиёни ин анҷуман Бунёди байналхалқии «ЭКОСАН», Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, Иттиҳодияи истеҳсолии авиатсионии ба номи В. Чкалови Тошканд, Сафоратхонаи Ҷумҳурияти Латвия дар Ӯзбекистон, Барномаи СММ оид ба рушди саноатӣ (ЮНИДО) ва Комиссияи Бунёди байналхалқии «ЭКОСАН» оид ба рушди устувор буданд.**

Мақсади анҷуман таҳлил кардани шароити меҳнат ва масъалаҳои муҳими ҳифзи меҳнат ва саломатии меҳнаткашон дар соҳаи хоҷагии халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, муҳокимаи роҳҳои такмилдиҳии муҳити мусоиди истеҳсолию экологӣ дар корхонаҳо бо назардошти омилҳои зарарноке, ки дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ ба муҳити зист ва саломатии одамон таъсири манфӣ мерасонад, ҷонибдории ба амал баровардани қарорҳои Саммити умумиҷаҳонӣ оид ба рушди устувор дар Йоханнесбург баргузоршуда доир ба ҷорӣ кардани моделҳои афзалиятноки истеҳсолот, усулу технологияҳое, ки зарари ба муҳити зисту саломатии аҳолӣ расондамешударо кам мекунад, баррасии масъалаҳои лоиҳаҳои барномаи «Истеҳсолоти соф» мебошад.

Ба анҷуман президенти Бунёди байналхалқии ЭКОСАН Юсуфҷон Шодиметов раисӣ кард. Дар вай директори генералии Иттиҳодияи истеҳсолии авиатсионии ба номи В. Чкалов, аъзои клуби «ЭКОСАН»-и Тошканд Вадим Кучеров дар мавзӯи «Экологияи иҷтимоӣ», ҷонишини вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Анвар Акбаров, вакили муваққатии корҳои Сафоратхонаи Ҷумҳурияти Латвия дар Ӯзбекситон Игорс Апокинс, ҷонишини раиси Кумитаи оид ба масъалаҳои муҳити зист ва ҳифзи табиати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Эргаш Мирзоев дар мавзӯи «Ҷанбаҳои қонунгузории ташаккулёбии истеҳсолоти соф» инчунин роҳбарони як қатор вазорату идораҳо, корхонаҳои саноатӣ, корпусҳои дипломатӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ нутқ эрод карданд.

Дар маърӯзаю баромадҳои иштирокдорон қайд шуд, ки дар давраи гузашта дар ҷумҳуриамон дар тамоми соҳаҳо, хусусан иқтисодиёту соҳаи иҷтимоӣ дигаргунсозиҳои сифатан нав ба амал омаданд. Асоси онро бартарии иқтисодиёт аз сиёсат ташкил медиҳад, ки яке аз тамоюлҳои муҳими сиёсати навсозиву пешрафти Ӯзбекистон мебошад. Дар айни замон ҷумҳурӣ нерӯи бузурги меҳнатӣ дорад, ки қариб 50 фоизи тамоми аҳолиро ташкил медиҳад. Зиёда аз 2,2 ҳазор корхонаҳои саноатӣ барои бозори дохиливу берунӣ маҳсулот мебарорад. Дар ҷумҳурӣ дар бобати таъмини ҳифзи меҳнату сиҳҳатии коргарон асоси ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Паст кардани дараҷаи олудашавии муҳити табиат, ки дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ ба амал меояд ва ҳифзи меҳнати коргарон шартҳои ҷудонопазири рушди устувори ҷамъият ба ҳисоб меравад.

Беҳдошти шароиту ҳифзи меҳнати бонувон яке аз муаммоҳои муҳими рӯз мебошад, зеро занон зиёда аз 45 фоизи коргаронро, дар соҳаҳои саноати сабук, бофандагӣ, хӯроквbooрӣ бошад 80 фоизро ташкил медиҳанд. Давлат ҳамеша ба меҳнати бонувон эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Дар истеҳсолот оид ба ҳифзи иҷтимоии онҳо кафолатҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар даҳ соли охир дар натиҷаи андешида шудани тадбирҳои ҳифзи табиат ва то андозае ба таназзул рӯ овардани истеҳсолоти саноатӣ ба ҳаво баровардани партовҳои зарарнок то 47,2 фоиз, дар ҳавзҳои кушод бошад, қариб ду баробар кам шуд. Дар айни замон муаммоҳои экологӣ дар корхонаҳо аз ҳисоби фарсудашавии хазинаҳои асосӣ, ба таври бояду шояд ҷорӣ накардани технологияҳои нави ҳифзи захираҳо муташанниҷ мегардад. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ аз 81 ҳазор манбаъҳои доимии олудакунии ҳаво 85 фоизаш бо таҷҳизоти аз газу чанг тозакунӣ ҷиҳозонида шудааст. Бар замми ин дараҷаи самарабахшии онҳо ҳамагӣ 70,86 фоизро ташкил медиҳаду халос. Дар натиҷаи ин аз манбаъҳои доимӣ ҳар сол зиёда аз 700 ҳазор тонна моддаҳои зарарнок ҳаворо олуда месозанд.

Хусусан дар корхонаҳои азнавкоркарду истихроҷи газу нафт вазъият ташвишовар аст. Зиёда аз 30 фоизи партовҳо ба зиммаи онҳо рост меояд, дараҷаи боздоштани моддаҳои зарарнок ҳамагӣ 14 фоизро ташкил медиҳад. Олудакунандаи дигари муҳити зист корхонаҳои барқистеҳсолкунӣ мебошанд. Бар замми ин стансияҳои барқӣ дар нуқтаҳои аҳолинишин ва атрофи он воқеъанд. Дар соҳаи кимиё ҳам аз таҷҳизоти технологии кӯҳна ва таҷҳизоти софкунӣ истифода мебаранд. Муҳиту ҳаво дар вилоятҳои Тошканд, Қашқадарё ва Фарғона аз ҳад зиёд олудаанд.

Дараҷаи ғализии баланд аз моддаҳои зарарнок ба сиҳҳатии аҳолӣ низ таъсир мерасонад. Онҳоро ба касалии роҳҳои болоии нафаскашӣ, бронхити доимӣ мубтало мекунанд.

Чӣ хеле ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, вазъияти дар ҷойҳои корӣ шароитҳои мусоиди меҳнат фароҳам овардан дар аксар ҳолатҳо қариб ки тағйир намеёбанд, дар баъзе ҷойҳо ҳатто тоқатфарсо мегарданд. Дар айни ҳол хароҷотҳои корхона барои ҳифзи меҳнат барои як нафар коргар ҳамагӣ 5 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад.

Ба ҳамин муносибат иштирокдорони конфронс Консепсияи «истеҳсолоти соф»-ро ҷонибдорӣ карданд. Ин маънои мунтазам истифода бурдани стратегияи пешгирии пайдоиши партову ифлосиҳоро дорад ва ба паст кардани миқдори партову ифлосиҳо, баланд бардоштани самарабахшии истеҳсолот ва беҳдошти шароити меҳнат мусоидат мекунад. Як қатор корхонаҳо лоиҳаҳои истеҳсолоти софро ҷорӣ карданд, ки аллакай самараи экологию иқтисодӣ мебахшанд.

Иштирокдорони анҷуман омилҳои дар боло зикршударо ба назар гирифта, тавсиянома қабул карданд ва боварӣ доранд, ки масъалаҳои таъмини бехатарии экологӣ, ҳифзи сиҳҳат ва ба коргарон шароити мусоиди кор фароҳам оварданро вазорату идораҳо, кордиҳандагон, иттифоқҳои касаба ҷонибдорӣ мекунанд. Ҳамкориашонро дар беҳдошти ҳолати муҳити зист, шароитҳо ва бехатарии меҳнат таъмини ҳифзи саломатии шаҳрвандон пурзӯр мегардонанд.

Инчунин иштирокдорони анҷуман сехҳои истеҳсолӣ, иншоотҳои тозакунӣ, намоишгоҳи молҳои истеъмоли халқи Иттиҳодияи истеҳсолии авиатсионии ба номи Р. Чкалови Тошкандро аз назар гузаронданд.

**Шерпӯлод ВАКИЛОВ.**

**Ҷоми чемпионони Осиё**

## «Пахтакор» дар нимфинал

**Рӯзи панҷшанбе дар гурӯҳи «Д» бозиҳои Ҷоми чемпионони Осиё дар варзишгоҳи марказии «Пахтакор» ба поён расид. Дар бозии аввал «Пирӯзӣ»-и Эрон «Нисо»-и Туркманистонро (4:1) мағлуб карда бошад, соҳибони майдон «Алталаба»-и Ироқро.**

Бозии аввал байни «Пирӯзӣ» ва «Нисо» низ дар маркази диққат қарор гирифта буд, зеро ки командаи Эрон дар сурати бо ҳисоби хурд ғалаба намудани «Алталаба» дар бозии охир бо «Пахтакор» метавонист ба нимфинал роҳхат бигирад. Ва аз ин рӯ барои « Пирӯзӣ», агарчи бо ҳайати дуввуми худ бозӣ кард, ҳисоби бозӣ бо «Нисо» муҳим буд. Аз ин боис ҳайати ҷавони командаи «Пирӯзӣ» аз аввали бозӣ тамоми бартариро ба даст оварда, ҳисоби хостаи худро дарёфт намуд.

Маҳз ҳамин ҳисоб ва пирӯзии «Пирӯзӣ» командаи Тошкандро водор намуд, ки бо «Алталаба» ҷиддан бозӣ кунад, зеро он бозӣ на танҳо барои «Пахтакор», балки барои ироқиҳо низ муҳим буд.

Дар аввали бозӣ бартарии меҳмонон зуд эҳсос гардид, мисле ки футболбозони мо каме дасту по мехӯрданд. Аммо дар нимаҳои қисми якум баъд аз голи А.Крохмал онҳо бардамтар шуданд ва хусусан пас аз голи дуюм дар дақиқаи 37-ум, ки онро Гочкулиев ба дарвозаи «Алталаба» зад, гӯё ироқиҳо аз бурд дилхунук шуданд ва ҳатто голи сеюмро (Крохмал) дар дақиқаи 60-ум сар доданд: 3:0.

Ҳамин тариқ дар се бозии гурӯҳӣ «Пахтакор» ҳафт гол зада, аз дарвозаи худ ҳеҷ гол сар надод ва бо 9 хол ҷои аввалро ишғол намуд. Дар нимфинал «Пахтакор» бо ғолиби гурӯҳи «А», ки дар Таиланд бозӣ мекунад, дар моҳи апрел ду бозӣ мегузаронад. Ва ниҳоят талоши финалӣ моҳи май баргузор мегардад.

**Т.МИРҲАЁЕВ.**

Шарҳи рӯзнома

# Ҳама ба ҳашари умумихалқӣ

Дар мамлакатамон анъанаи хубе идомаи худро меёбад, ки онро халқ ҳашар мегӯяд. Ва мувофиқи Амри Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон имрӯз дар саросари мамлакати паҳноямон ҳашари умумихалқии хайрот гузаронда мешавад. Ва он бесабаб ҳашари умумихалқии хайрот номида нашудааст. Дар он хурду калон, мардум зан, пиру барно, ҷавонписарону духтарон иштирок мекунанд ва музди ин рӯз ҳосилшударо пурра ба ҳисобсурати Бунёди ҷумҳурии «Маҳалла» ва бахшҳои вай дар маҳалҳо мегузоранд. Ва он идомаи мантиқии корҳое мегардад, ки дар доираи Амри Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оиди гузарондани якмоҳагии ободонӣ ва сабзу хуррамгардонӣ ба муносибати «Соли маҳаллаи обод», боз ҳам беҳтар кардани вазъи санитариву эпидемиологӣ дар ҷумҳурият, ташкили корҳои кабудизоркунӣ, ба мақсади обод гардондани манзилҳои истиқоматӣ ва тайёрӣ баҳри муносиб пешвоз гирифтани иди умумихалқии Наврӯз ба иҷро расонда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки аз хабару баркияҳое, ки аз маҳалҳо мерасанд, мардуми меҳнатдӯсти мамлакатамон якмоҳагии ободонӣ ва сабзу хуррамгардонӣ, 15 март гузарондани ҳашари умумихалқии хайротро якдилона ҷонибдорӣ намуда, барои сабзу хуррам гардондану ободонии маҳалла, коргоҳ, манзили истиқоматӣ, алқисса шаҳру деҳот, шаҳрак мекӯшанду ба қаторашон ҳазорон ҷавононро даъват кардаанду бо ҳамин садоқатмандии хешро ба анъаноти ниёкон дар амал намоиш медиҳанд.

Дар ҷумҳриятамон гузарондани ҳашари умумихалқӣ кори нав нест. Аз соли аввали эълон гардидани истиқлолият ба ин масъала диққату эътибори калон нигаронда мешавад.

Дар деҳоту шаҳрҳоямон ва шаҳракҳо гузаронда шудани якмоҳагиву думоҳагии ободонӣ ва сабзу хуррамгардонӣ ба он мисоли равшан шуда метавонанд. Дар ин якмоҳагиву думоҳагиҳо, алалхусус ҳашарҳои умумихалқӣ бештар ба масъалаи озодагиву беҳдошти вазъи санитариву эпидемиологӣ диққату эътибори махсус нигаронда мешавад. Ва он пеш аз ҳама барои паст шудани сатҳи маризиҳои гузаранда, обод гардидани маҳалли истиқомат, коргоҳ, маскани таълим ва ғайраву ҳоказо мусоидат мекунад.

Имрӯз ҳашари умумихалқист. Барои бо натиҷаҳои баланд ҷамъбаст намудани он нақшҳо аз ҷониби ҳокимиятҳо, ҷамъомадҳои шаҳрвандони деҳоту шаҳракҳо, алалхусус маҳаллаҳо таҳия гардидаанд. Мувофиқи он ба иҷро расондани корҳои зиёди ободгардонӣ, ба вуҷуд овардани боғу роғҳои нав ба нав, дар қад - қади роҳҳои мошингард, роҳравҳо шинондани ниҳоли дарахтон, гулҳо дар назар дошта шудаанд. Бароварда партофтани ахлотҳои маишӣ, масолеҳи бинокорӣ, оҳанпораву партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга ба нақша гирифта шудаанд.

Ҳашар барои халқи мо то чӣ андоза азизу муҳим буданашро тавзеҳ додан шарт нест. Ҳаминаш аён аст, ки тавассути гузарондани ҳашар саросари ҷумҳурият боз ҳам зебову обод мегардад, назаррабо мешавад. Ва он дар шароите, ки мардумамон ба иди мардумии Наврӯз тайёрии ҳаматарафа мебинад, аҳамияти муҳим касб мекунад. Барои идро бо манзили ободу зебо, комёбиҳои калон пешвоз гирифтан чӣ расад!

Маблағи аз ҳашар ҳосилгардида баҳри ҷонибдории табақаҳои камбисоти аҳолӣ сарф мегардад ва он бори дигар собит мекунад, ки дар мамлакати мо баҳри бахту саодати инсон кулли тадбирҳоро ҷомаи амал мепӯшонанд.

Ҳама ба ҳашари умумихалқӣ, ҳамдиёрони азиз!

# Омодагӣ ба кишт чӣ гуна аст?

Фасли баҳор айёми кишту кор оғоз ёфт. Дар маҳалҳои ҷанубии мамлакатамон ба кишти пунбадона дар зери пардаи сунъӣ шурӯъ карданд. Майсаҳои ғаллаи тирамоҳӣ, ки қад кашидаанд, чашми касро мерабоянд ва аз фаровон шудани ҳосил гувоҳӣ медиҳанд.

Хӯш, дар ҷумҳурият тайёрӣ ба кишти зироати асосӣ - пахта чӣ гуна аст? Оё пахтакоронамон аз камбудиҳои соли гузашта сабақ бардоштаанд?

Аз маълумотҳои оморӣ маълум мегардад, ки рафти корҳо он қадар бад нест.

Таҷрибаҳо собит мекунанд, ки агар пунбадона дар замини ҳамвору пуштаҳо кишт гардад, сараввал обро сарфа кунад, дар айни замон барои пурра ҳосил шудани гектарҳо мусоидат мекунад. Вале дар ин бобат дар як қатор вилоятҳо ба ақибмонӣ роҳ гузоштаанд. Аз он ҷумла, ин кор дар вилояти Навоӣ ин кор ҳамагӣ дар 11,5 фоиз дар вилояти Қашқадарё 13,4 фоиз, вилояти Самарқанд - 13,8 фоиз, вилояти Бухоро - 24 фоиз, вилояти Фарғона - 28,1 фоизи тамоми майдонҳоро фаро гирифтаасту халос. Умуман нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар саросари ҷумҳурият алҳол 272 ҳазор гектар кам майдон ҳамвор гардида, 161 ҳазор гектар кам пуштаҳо гирифта шудаанд.

Маълум аст, ки пахтакорони вилояти Андиҷон дар бобати дар зери пардаи сунъӣ коштани пунбадона таҷрибаи бой ҳосил кардаанд ва аз ин рӯ ҳар сол киштро нахустин шуда ба иҷро расонда, ду соли охир дар ҷумҳурият аввалин шуда, ба марраи мурод мерасанд. Имсол низ андиҷониён тамоми техникаи киштро ба мавсим омода сохта, аҳд кардаанд, ки дар тамоми қитъаҳо киштро дар зери пардаи сунъӣ сари вақт мегузаронанд.

Фарғонагиён ва намангониён низ дар бобати кишти пунбадона дар зери пардаи сунъӣ имсол қадаме ба пеш гузоштаанд. Фарғонагиён дар 55 ҳазор, намангониён низ дар ҳамин миқдор гектар майдон киштро бо усули мазкур гузаронданианд. Самарқандиён бошанд, дар 20 ҳазор гектар майдон пунбадонаро дар зери пардаи сунъӣ кишт карданӣ ҳастанд.

Тайёр кардани тухмӣ масъалаи муҳим аст. Дар ин бобат низ тадбирҳои зиёде андешида шудаанд. Шустани шӯри замин ҳам яке аз тадбири муҳим аст, ки ба ин махсусан дар вилояти Бухоро диққату эътибор пурзӯр гардидааст. Ва он бесабаб нест. Чунки аз сабаби шӯр пахш кардани майдонҳо дар вилояти мазкур солҳои охир фармоиши давлатии пахтатайёркунӣ иҷро намегардад.

Дар мӯҳлати кӯтоҳ ва хушсифат гузарондани кишт муҳим аст. Аз ҳамин сабаб то 5 апрел пурра хотима додани кишти пунбадона дар зери пардаи сунъӣ аҳамияти калон дорад. Зеро агар аз ин мӯҳлат кишт кашол ёбад, самараи хуб набахшиданаш аён гардидааст. Ва аз он мӯҳлат Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон истисно мебошад, ки шароити ба худ хоси иқлимиро молик мебошад.

Алқисса, мавсими масъулиятнок барои кишоварзон фаро расид. Аз ҳар дақиқаи мусоид моҳирона истифода бурда, кишт дар фурсати кӯтоҳ ва хушсифат гузаронда шавад, гарави ҳосили фаровон мегардад. Инро хуб дарк карда, меҳнаткашони хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерӣ ва ширкати ҷумҳурият имрӯзҳо барои амалӣ гардондани тадбирҳое мекӯшанд, ки бешак дар бобати ба даст овардани ҳосили фаровон мусоидат мекунад. Азбаски кишоварзӣ соҳаи асосии иқтисодиётамон аст, дар ин ҷода ҳар чӣ қадар бештар маҳсулоти зиёди хушсифат рӯёнда шавад, пеш аз ҳама барои баланд гардидани сатҳи зиндагониамон мусоидат мекунад. Инро набояд ягон дақиқа фаромӯш кард ва тадбир андешид.

# Намоиши молҳои сохтмон

**Чорумин намоиши байналмилалии «Сохтмон ва ороиш, гармидиҳӣ ва вентилятсия» дар меҳмонсарои «Интерконтинентал» аз 11 то 13 март ба амал омад.**

Ширкати байналмилалии намоишгоҳии ИТЕ групп Р. ва шарики ӯзбекистонии он «Итеса- Осиё» дар ин бобат таҷрибаи кофӣ доранд.

Аз ин боис дар намоишгоҳи чорум, ки онро «УзБуилд» ҳам меноманд, маҳсулоти 140 корхонаву ширкат гузошта шудааст. Намоишгоҳи мазкур расман аз ҷониби Кумитаи давлативу меъморӣ ва сохтмони Ӯзбекистон ва ширкати саҳҳомии «Ӯзстройматериали» дастгирӣ ёфтааст.

Дар намоишгоҳ аз корхонаву муассисаҳои гуногун ва компанияҳо маҳсулот дар толорҳои «Интерконтинентал» гузошта шудаанд, ки онҳо хусусан барои ҷумҳурии мо, ки алҳол хеле дар миқёси калон корҳои сохтмон доман фарох намудааст, зарур мебошад. Бар замми ин дар намоишгоҳ молҳои тавлиди корхонаҳои Ӯзбекистон ва корхонаҷоти муштарак низ ба тамошо гузошта мешавад.

Созмодиҳандагони «ЎзБуилд-2003» умед доранд, ки аз намоишгоҳ беш аз ҳашт ҳазор нафар аз Ӯзбекистону кишварҳои ҳамсоя боздид бикунанд.

Барои ҳамин ҳам барои бинокорон ва корхонаҳои тиҷоративу тавлидотӣ чунин намоишгоҳҳо хеле сариваќтианд, ки худро нишон бидиҳанду аз молҳои дигарон дидан намоянд.

**Хабарнигори мо.**

Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

# Дар бораи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоот

**Моддаи 1. Вазифаҳои асосии Қонуни мазкур**

Вазифаи асосии Қонуни мазкур таъмини риояи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоот, ба рӯи об баровардани ҳуқуқи ҳар кас ба озоду бемамониат ҷустуҷӯ кардан, тадқиқ намудан, паҳн кардан, истифода бурдан ва маҳфузияти иттилоот, ҳамчунин таъмини ҳифзи иттилоот ва бехавфии иттилоотии шахсият, ҷамъият ва давлат мебошад.

**Моддаи 2. Қонунгузорӣ дар бораи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоот**

Қонунгузорӣ дар бораи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоот аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузорӣ иборат аст.

Агар шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон нисбат ба он ки дар қонунгузории Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар бораи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоот пешбинӣ кардаанд, дар он сурат қоидаҳои шартномаҳои байналхалқӣ истифода бурда мешаванд.

**Моддаи 3. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур чунин мафҳумҳои асосӣ истифода бурда шудаанд:

**иттилоот**-маълумот дар бораи шахс, маводҳо, далелҳо, воқеаҳо, зуҳуротҳо ва равандҳо новобаста аз манбаъҳо ва шаклҳои пешкаш кардани онҳо;

**иттилооти худӣ**—шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмоние, ки ихтиёрдорӣ, истифодабарӣ ва паҳн кардани иттилоотро амалӣ мегардонанду иттилооти мазкур бо маблағи онҳо ё бо дигар усулҳои қонунӣ ба даст омадаанд;

**ҳифзи иттилоот**—тадбирҳо оид ба пешгирии таҳдиди бехавфии иттилоотӣ ва бартараф сохтани оқибатҳои онҳо;

**захираҳои иттилоотӣ**—ҳуҷҷатҳои ҷудогона, ҷузъҳои ҷудогонаи ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳо ва ҷузъҳои ҳуҷҷатҳо дар низоми иттилоотӣ (китобхонаҳо, бойгониҳо, бунёдҳо, манбаъҳои маълумотҳо ва ғайра);

**соҳаи иттилоотӣ**—соҳаи фаъолияти субектҳое, ки бо созмон додан, таҳия намудан ва истеъмоли иттилоот алоқаманд мебошанд;

**бехавфии иттилоотӣ**—вазъи ҳифозавии манфиатҳои шахсият, ҷамъият ва давлат дар соҳаи иттилоотӣ;

ихтиёрдорӣ кардани иттилоот—шахсони ҳуқуқиву ҷисмоние, ки ихтиёрдорӣ, истифодабарӣ ва ба даст овардани иттилоотро дар сарҳади ҳуқуқҳояшон амалӣ мегардонанд, ки бо қонун ва иттилооти худӣ муқаррар гардидаанд;

**махфияти иттилоот**—ҳуҷҷатҳои иттилоотие, ки бархурдор гардидан бо онҳо мувофиқи талаби қонунгузорӣ маҳдуд гардонда шудаанд;

**иттилооти оммавӣ**—иттилооти ҳуҷҷатигардида, маълумотҳои матбуот, аудио, аудиовизуалӣ ва дигар хабару маводҳое, ки барои доираи номаҳдуди шахсон таъин гардидаанд;

**иттилооти ҳуҷҷатигардида**—иттилоотест, ки аз нигоҳи моддӣ бо нишониаш қайд гардидаасту ба иденсификатсиякунӣ имкон медиҳад.

**Моддаи 4. Озодии иттилоот**

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҳар кадом соҳиби ҳуқуқи бемаҳдудият ҷустуҷӯ кардан, гирифтан, тадқиқ кардан, паҳн намудан, истифода бурдан ва маҳфуз доштани иттилоотро доранд.

Бархурдор будан аз иттилоот танҳо мувофиқи қонунгузорӣ ва ба мақсади ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон, асоси сохтори конститутсионӣ, арзишҳои ахлоқии ҷамъият, нерӯи маънавӣ, фарҳангӣ ва илмӣ, таъмини амнияти мамлакат маҳдуд гардиданаш мумкин аст.

**Моддаи 5. Усулиятҳои асосии озодии иттилоот**

Усулиятҳои асосии озодии иттилоот рушодгӯӣ ва ошкорбаёнӣ, бархурдор будани умум аз он ва боэътимодиаш мебошанд.

**Моддаи 6. Рушодгӯӣ ва ошкорбаёнии иттилоот**

Иттилоот бояд кушоду ошкоро ба ғайр аз сирру асрор доштани баъзеи онҳо бошад.

Ба иттилооти махфӣ инҳо мансуб нестанд:

санадҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳо ва озодиҳои шаҳрвандон, тартиби амалӣ гардондани онҳо, ҳамчунин санади ҳуқуқии муқарраркардаи мақомоти ҳокимияту идораи давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ;

маълумотҳо дар бораи вазъи экологӣ, обу ҳаво, демографӣ, санитариву эпидемиологӣ, фавқулодда ва дигар иттилооте, ки барои таъмини бехавфии аҳолӣ, қарияҳои аҳолинишин, обектҳо ва коммуникатсияҳои истеҳсолӣ заруранд;

маълумотҳое, ки дар хазинаҳои кушоди китобхона, бойгониҳо ва низоми иттилоотии шахсони ҳуқуқие маҳфузанд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон фаъолият пеш мебаранд.

Мақомоти ҳокимияту идораи давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон ва дигар ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ ӯҳдадор ҳастанд ба расонаҳои ахбори оммавӣ иттилоотро дар бораи воқеаҳо, далелҳо, зуҳурот ва равандҳо мувофиқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ бидиҳанд, ки майлу шавқи умумро ба ҷамъият доранд.

**Моддаи 7. Ба умум дастрас будан ва боэътимодии иттилоот**

Иттилоот бояд дастраси умум ва боэътимод бошад.

Таҳрифу сохтакории иттилоот манъ карда мешавад.

Воситаҳои ахбори оммавӣ якҷоя бо манбаъ ва муаллифи иттилоот барои боэътимодии паҳн кардани иттилоот мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ ҷавобгар мебошанд.

Аз болои саркашӣ кардани соҳиб ва амволдори иттилоот оиди бархурдорӣ аз иттилоот ба суд шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 8. Кафолатҳои озодии иттилоот**

Давлат ҳуқуқи ҳар кадомро дар бобати ҷустуҷӯ, гирифтан, тадқиқ кардан, паҳн намудан, истифода бурдан ва маҳфузияти иттилоот ҳифз мекунад. Ба маҳдуд сохтани ҳуқуқ ба иттилоот вобаста ба ҷинс, наҷод, миллат, забон, дин, вазъи иҷтимоӣ, эътиқод, вазъи шахсиву ҷамъиятӣ роҳ гузошта намешавад.

Мақомоти ҳокимияту идораи давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ ва шахсони мансабдор ӯҳдадор ҳастанд мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ ба ҳар кас фароҳам овардани имконияти ошноӣ бо иттилоотеро, ки ҳуқуқҳо ва озодиҳо, манфиатҳои қонунии онҳоро дар бар мегирад, таъмин созанд, захираҳои иттилоотии бархурдоршавандаро созмон дода, таъмини ба таври оммавӣ бархурдор гардидани истифодабарандагонро аз рӯи масъалаҳои ҳуқуқ, озодӣ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон, амнияти онҳо ва дигар масъалаҳое ба рӯи об бароранд, ки майлу шавқи умумиҷамъиятиро доранд.

Дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба сензура ва инҳисоротии иттилоот роҳ гузошта намешавад.

**Моддаи 9. Тартиби гирифтани иттилоот**

Ҳар кас ба ҳуқуқи бевосита ва ё тавассути намояндагони худ муроҷиат кардан дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ ба гирифтани иттилоот ҳуқуқ дорад.

Дар шакли хаттӣ талаб бояд ном, номи авлодӣ, нишонии муроҷиаткунанда (барои шахсони ҳуқуқӣ-нишониашон ва дигар маълумотҳои тааллуқи арзи ҳастиашон мавҷуд бошад) ва номгузории иттилооти пурсидашаванда ва ҷиҳатҳои он иншо гардад. Талаби мазкур мувофиқи тартиби муқаррургардида ба номнавискунӣ мансуб аст.

Ҷавоб ба дархости хаттӣ бояд дар фурсати кӯтоҳ: на кам аз сӣ рӯзи гирифтани санаи дархост, агар дар қонунгузорӣ дигар мӯҳлат муқаррар нашуда бошад, гардонда шавад.

Ҷавоб ба дархости шифоҳӣ бояд аз рӯи имконият фаврӣ гардонда шавад.

Дар сурати номумкин будани пешкаш кардани иттилоот дар мӯҳлате, ки дар қисмҳои сеюм ва чоруми моддаи мазкур пешбинӣ гардидаанд, ба муроҷиаткунанда барои гирифтани он нома дар хусуси ба маъқуф гузоштани он ирсол карда мешавад.

Маъқуфгузорӣ барои пешкаш кардани иттилооти манъгардида набояд аз ду моҳи рӯзи пешкаш кардани талаб зиёд бошад. Хабар дар бораи ба маъқуф гузоштани дархост ба шахсе фиристода мешавад, ки барои гирифтани иттилоот муроҷиат кардааст, дар мӯҳлати ҳафт рӯзи баъди гирифтани талаб фиристода мешавад.

Дар хабари ба маъқуф гузоштани талаб инҳо бояд иншо гарданд:

сабабҳое, ки иттилооти манъгардида сари вақт пешкаш карда намешавад;

санае, ки бояд иттилооти манъшуда пешкаш карда мешавад.

Дар мавриде, агар мақомот ва ё шахси мансабдор соҳиби иттилоотии манъгардида намебошад, вай ӯҳдадор аст дар бадали панҷ рӯзи баъди гирифтани талаб ба шахсе хабар диҳад, ки барои гирифтани иттилоот муроҷиат намудааст.

Барои пешкаш кардани иттилоот маблағ мувофиқи тартиби муқаррargardида талаб карда шуданаш мумкин аст.

**Моддаи 10. Саркашӣ аз пешкаш кардани иттилоот**

Саркашӣ барои пешкаш кардани иттилооти манъгардида имконпазир аст, агар ба шарте ки он ҷиҳати махфигӣ дошта ва ё бар асари ошкоркунии он ба ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шахсият, манфиатҳои ҷамъият ва давлат зарар расиданаш мумкин аст.

Хабар дар бораи саркашӣ кардан оиди пешкаш накардани иттилооти манъшуда ба шахси муроҷиаткунанда дар бадали панҷ рӯзи баъди гирифтани он дода мешавад.

Дар хабар оиди саркашӣ кардан бояд сабабҳои он иншо гарданд, ки мувофиқи он иттилооти манъшуда пешкаш карда намешавад.

Амволдор, соҳиби иттилооти махфӣ ӯҳдадор аст шахси муроҷиаткунандаро, ки иттилооти манъшударо пурсидааст, аз хусуси маҳдудиятҳои бархурдорӣ аз ин иттилоот хабардор созад.

Шахсе, ки беасос аз додани иттилоот саркашӣ кардааст ва ҳамчунин шахсе, ки ба талаби худ иттилооти ноэътимодро гирифтааст, ҳуқуқи баровардани қусури зарари моддии расондашуда ва ё гирифтани ҷубронпулии зарари маънавиро мувофиқи тартиби қонунгузорӣ дорад.

**Моддаи 11. Ҳифзи иттилоот**

Иттилооти дилхоҳ, муроҷиати зидди қонуние, ки он боиси зарар ба амволдор, истифодабаранда ва ё дигар шахс мегардад, ба ҳифз кардан мансуб мебошад.

Ҳифзи иттилоот ба ин мақсадҳо ба рӯи об бароварда мешаванд:

пешгирӣ кардани таҳдид ба амнияти шахсият, ҷамъият ва давлат дар соҳаи иттилоотӣ;

махфӣ нигоҳ доштани иттилоот, пешгирӣ кардани манбаи ошкоркунии он, дуздидан ва гум кардани он;

пешгирӣ кардани таҳрифу сохтакории иттилоот.

**Моддаи 12. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини бехавфии иттилоот**

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини бехавфии иттилоот ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иттилоотӣ нигаронда шудааст ва вазифаҳову самтҳои асосии фаъолияти мақомоту идораи давлатӣ, ҳамчунин нақш ва ҷои мақомоти худидораи шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ, шаҳрвандонро дар соҳаи таъмини бехавфии иттилоотии шахсият, ҷамъият ва давлат муайян месозад.

**Моддаи 13. Бехавфии иттилооти шахсият**

Бехавфии иттилооти шахсият бо роҳи ба вуҷуд овардани шароиту кафолати зарурии озодона бархурдор будан аз иттилоот, ҳифзи махфияти ҳаёти шахсӣ, ҳифз кардан аз таъсирҳои зидди қонунии иттилоотиву рӯҳӣ таъмин карда мешавад.

Иттилоот дар хусуси маълумотҳои шахсии шахсони ҷисмонӣ ба тоифаи иттилооти махфӣ мансуб аст.

Барои ҷамъ овардан, нигоҳ доштан, таҳия намудан, паҳн намудан ва истифодабарии иттилоот оид ба ҳаёти шахсӣ, ҳамчунин иттилооте, ки боиси халалдор гардидани махфияти ҳаёти шахсӣ, махфияти хатнависӣ, гуфтугузори телефонӣ, хабарҳои почта, телеграф ва дигар хабарҳои шахсони ҷисмонӣ бидуни ризоияти онҳо, ба ғайр аз мавридҳое роҳ гузошта намешавад, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст.

Истифода бурдани иттилоот аз хусуси шахсони ҷисмонӣ ба мақсади расондани зарари моддиву маънавӣ ба онҳо, ҳамчунин монеъ гардидан ба ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо манъ карда мешавад.

Шахсони ҳуқуқиву ҷисмоние, ки иттилоотро оид ба шаҳрвандон гирифтаанду ихтиёрдорӣ мекунанд ва истифода мебаранд, мувофиқи қонунгузории пешбинигардидаи барои халалдор кардани тартиби истифодабарии ин иттилоот ҷавобгар мебошанд.

Воситаҳои ахбори оммавӣ барои ошкор сохтани манбаъҳои иттилоот ва муаллифони онҳое, ки бо тахаллус иншо мекунанд, бидуни розигии онҳо ҳуқуқ надоранд. Манбаи иттилоот ва ё муаллифи он танҳо бо рухсати суд ошкор шуданаш мумкин аст.

**Моддаи 14. Бехавфии иттилоотии ҷамъият**

Бехавфии иттилооти ҷамъият бо ин роҳҳо ҳосил мегарданд:

таъмини рушди асосҳои ҷамъияти демократии шаҳрвандӣ, озодии иттилооти оммавӣ;

роҳ нагузоштан ба таъсирбахшии зиддиқонунии иттилоотиву рӯҳӣ ба шуурнокии ҷамъият, гумроҳкунии он;

нигоҳ доштан ва рушди арзишҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва таърихии ҷамъият, нерӯи илмӣ, илмиву техникии мамлакат;

ба вуҷуд овардани низоми зидди таҷовузи иттилоотие, ки ба дур кардани аз худшуурнокии миллӣ, ҷамъият аз анъаноту урфу одатҳои таърихиву миллӣ, номӯътадил гардондани вазъи ҷамъиятиву сиёсӣ, халалдор гардидани ризоияти байнимиллӣ ва байнидинӣ нигаронда шудаанд.

**Моддаи 15. Бехавфии иттилоотии давлат**

Бехавфии иттилоотии давлат бо ин роҳҳо таъмин карда мешаванд:

ба рӯи об баровардани тадбирҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар ҷиҳатҳо оид ба муқобил гузоштани ҳаракат ба таҳдидҳои бехавфӣ дар соҳаи иттилоот;

ҳифзи сирри давлатӣ ва захираҳои иттилоотии давлатӣ аз бархурдории ғайриқонунии онҳо;

ҳамгароии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба масоҳати иттилоотии ҷаҳонӣ ва низоми замонавии телекоммуникатсионӣ;

ҳифз аз паҳн кардани иттилооте, ки дар худ даъватҳои хаттиро оид ба зӯран тағйир додани сохтори конститутсионӣ, халалдоркунии якпорчагии ҳудуд, соҳибихтиёрии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, зӯран ба даст овардан ва ё дур сохтани намояндагони қонунан интихобгардида ва ё таъингардидаи ҳокимият ва ё амалӣ гардондани дигар сӯиқасдро ба сохтори давлатӣ доранд;

муқобилият нишон додан ба паҳн кардани иттилооте, ки дар худ таблиғи ҷанг ва зуроварӣ, бераҳмӣ, ғояи терроризм ва мутаасибии диниро доранду ба забона задани оташи бадбинии иҷтимоӣ, миллӣ, наҷодӣ ва динӣ нигаронда шудаанд.

**Моддаи 16. Ҷавобгарӣ барои халалдор кардани қонунгузорӣ дар бораи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоот**

Шахсоне, ки дар халалдоркунии қонунгузорӣ дар бораи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоот айбдор ҳисобида мешаванд, мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд, 12 декабри соли 2002.

Қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

## Дар хусуси тартиби эътибор пайдо кардани Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоот»

Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоот» аз рӯзи эълон гардиданаш эътибор дорад.

2. Ба Ҳукумати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон (Ӯ.Султонов) супурда шавад, ки қарорҳои худро ба Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоот» мувофиқ гардонда, аз нав дида баромадан ва беэътибор донистани санадҳои меъёрии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳоеро, ки бар хилофи Қонуни мазкур мебошанд, таъмин созад.

**Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Э.ХАЛИЛОВ.**

шаҳри Тошканд, 12 декабри соли 2002.

## «Журналистикаи кишварҳои хориҷӣ»

Чунин номи китоби доктори илмҳои филологӣ, профессор, собиқ Устоди Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон Абдусаттор Нуралиев соле қабл дар нашриёти «Сурушан»-и шаҳри Душанбе бо кӯмаку дастгирии институти «Ҷомеаи кушод»-и Тоҷикистон (Фонди Сорос), ки ба таъсиси ин муассисаи таълимӣ низ муддати зиёд нагузаштааст, аз чоп баромад. Китоб зери таҳрири рӯзноманигори варзида Қироншоҳи Шарифзода интишор ёфта, аз панҷ боб иборат аст. Дар муқаддима ва боби нахуст бевосита аз хусуси зарурияти чопи ин васоити таълимӣ сухан меравад. Чуноне ки дар аввали китоб гуфта мешавад.

«Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ» аввалин таълифотест ба забони тоҷикӣ доир ба масъалаҳои таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ аз замони пайдоиши рӯзномаи чопӣ то ба тараққиёти пуравҷи имрӯзаи ВАО-и ҷаҳон маълумот медиҳад.

**А.НАЗАРОВ.**

Луқма

# Инсофу барака гуфтаанд

Бозорҳоямон сероб аст. Махсусан бозори Қӯйлуқ бо гуногуну фаровон будани намуди маҳсулот ва аз ҳама муҳимаш, бо арзониаш аз дигар бозорҳои Тошкандшаҳр ба куллӣ фарқ мекунад. Аз ҳамин сабаб аҳли байти мо дар қатори дигарон маҳз аз ҳамин бозор чизи барои рӯзгор заруриро харид мекунанд.

Аммо баъзан аз рӯйдодҳое хафа мешавем, ки баъзан дар бозор рух медиҳанд. Ҳам аз сангу ҳам аз тарозу мезананд. Дар айни замон дар аксари растаҳо нархи маҳсулот якхел буданаш касро ба ҳайрат мегузорад. Ва ба гапу калочаҳое бовар мекунед, ки дар ин ҷо деҳқон не, балки ҳаннотон менишинанд, мегӯянд.

Мо дар бозор. Ба нархи картошкаву сабзӣ мароқ зоҳир мекунем. Нархи сабзии сурх то 100 сӯм, зардаш бошад, то 150 сӯм. Қимати як килограмм картошка аз 250 то 300 сӯм. Яъне майдааш бо нархи арзону миёнааш ба нархи миёна, калонаш бо нархи гарон. Аҷибаш ҳамин аст, ки дар ҳамаи растаҳо нархи як хела ҳукмрон аст. Ба асаби кас расиданаш муқаррар. Агар каме нархро фурорed, фуроваданӣ шавад ба бало мемонед. Гап мешунавед. Онро бо ҳамин нарх харид кардаам, мегӯянд. Гӯё ба шумо иллат мекунанду мегӯянд: нахарӣ кӯчаи калон, марҳамат баромада рав!

Мӯйсафеде маро сӯяш ишора кард ва гуфт: — бародар ана ҳамин картошкаро ба 400 сӯм гиред, ман розӣ? Ҳайрон шудам.

— Ман деҳқон,- гуфт вай. — Тезтар ба манзил рафта нарасам, дар ин ҷо монда, ба хароҷоти зиёдатӣ роҳ гузоштанам муқаррар аст. Ҳамаи онҳое, ки шумо талош кардед, аз кӯчаи деҳқонӣ нагузоштаанд. Онҳоро ҳаннот гуфтан мумкин аст. Агар бо забони бозориён гӯем, «олиб сотар». Ба ҳамаашон одамонашон маҳсулотро расонда медиҳанд ва онҳо мефурӯшанд. Аз ин рӯ як сӯм ҳам паст намефуроянд.

Суханони мӯйсафедро шунида, нақли тағоям Асрорбобо ба ёдам расид, ки гуфта буданд:

— Яке аз рӯзҳо се ҷувол боимҷонро гирифта, ба бозори деҳқонии шаҳри Бекобод роҳ пеш гирифтам. Паттапулӣ дода, тарозу гирифта, ба фурӯхтан сар кардам. Азбаски арзон буд, харидорони бисёре ҷамъ шуданд. Ҳамин вақт ду ҷавони барзангие пайдо шуду маро ба имову ишора ба канор чеғ заданд ва гуфтанд, ки ба фалон пул ҳамаашро харид карданӣ ҳастанд. Розӣ нашудам. Таҳдид карданд ва баъд бо милисаи навбатдор омада, ҳуҷҷат пурсиданд. Азбаски ягон камбудӣ наёфтанд, ба насиҳаткунӣ сар карданд ва охири оқибат, ду ҷувол боимҷони боқимондаро ба нархи фурӯхтаистодаам кӯтара хариданд.

Ба дорухона рафта, чизи даркориро гирифтаму ба чойхона даромадам. Ягон соат истироҳат карда, боз ба бозор дохил шудам. Ба чашмонам бовар накардам. Боимҷони аз ман харидшударо ҳамон ду ҷавон аз нархи ба ман додаашон ду баробар қиматтар мефурӯхтанд...

Картошкаро аз мӯйсафед харид кардам. Вале он ба шахсоне, ки дар атрофи мӯйсафед, маҳсулот мефурӯхтанд, нафорид. Ғур - ғур карда мегуфтанд, ки агар бо ҳамин нарх медод, онҳо харид карданашон мумкин буд. Ва ин манзара маро ба фикр кардан водор сохт. Мо мусалмонем. Инсофро аз ҳама чиз воло мегузорем. Ва он барака бахшиданашро медонем. Вале қавлу амаламон ба ҳамдигар рост наомаданаш, гуноҳи азим аст. Барои пул шуда, виҷдонамонро мефурӯшем, аз сангу тарозу мезанем. Охир, аз сангу тарозу задан, гуноҳи аз ҳама вазнин буданашро ҳар як мусалмон медонад. Пас барои чӣ ин гуна рафтор зоҳир менамоем? Аламовараш ҳамин аст, ки ба сафи ана ҳамин «олиб - сотарҳо» вақтҳои охир ҷавонписарону духтарон ҳам ҳамроҳ мегарданд. Онҳо ба ҷои таҳсил дар коллеҷи касбу ҳунар, литсеи академӣ, муассисаҳои таълими олӣ аз паси растаҳои савдо ҷо пайдо мекунанд, ҳаёту зиндагониро бо пул чен мекунанд. Фикр намекунанд, ки ин рафторашон сароб аст. Иқтисоди бозоргонӣ ҳама чизро рафта - рафта ба ҷояш мегузорад. Онҳо дар оянда магар аз ин рафторашон пушаймон намешуда бошанд? Алҳол ин ҷавонон бо фурӯши сигору сақич, хамираву яхмос, ҳатто либоси мардонаву занона машғул мегарданд. Гӯё бо ҳамин ба буҷаи оила кӯмак мерасонанд. Вале дар асл рафтори ношоям карданашро фикр намекунанд. Падару модаронашон ба ин чӣ мегуфта бошанд? Чӣ ҳам мегуфтанд. Айбро ба гардани иқтисоди бозаргонӣ бор мекунанд ва фарзандони худро маҷбур месозанд, ки пул ёфта биёранд. Ва баъзе фарзандонро маҷбур месозанд, ки ба кӯчаи дуздӣ ва қаллобӣ дароянд. Бо ҳамин роҳ оё авлоди солимро ба воя расондан мумкин аст?

Ва он дар сафи ин «олиб - сотарҳо» будани ҷавононамон, барои падару модарон нанг шуданаш лозим аст. Охир, онҳо ҳанӯз роҳу равиши ҳаётро намедонанд, хому мӯртанд. Магар ба сафи авбошон, ҳар гуна қувваҳои бадкирдор ҳамроҳ шудани онҳо дар бепарвоии падару модарон ва суханони қатъии онҳо дар бобати кадом роҳ набошад, ёфта омадани пул нест?

Бармегардем, боз ба нархи сабзиву картошка. Субҳи бармаҳал ба бозори кӯтарафурӯшии Қӯйлуқ омадам ва аз болои баҳсу мунозираи деҳқону харидор баромадам. Деҳқон аз 200 сӯм кам нашудани як килограмм картошкаро таъкид мекард. Вале «харидор» ба ҷону ҳолаш намонда, онро паст мезад ва ҳатто таҳдид ҳам мекард. Охири оқибат, ба 190 сӯм аҳду паймон карданд. Деҳқон албатта, норизо буд. Ва шояд баъди ин рафтори «харидор» ӯ дигар ба ин бозор қадам нагузорад. Ва ана ҳамин картошка, ки аз даст ба дасти дигар мегузараду масофаи байни бозори кӯтарафурӯшиву чаканафурӯширо, ки барояд як километр аст, «тай» намуда, ба пештахта аз 250 то 300 сӯм ба фурӯш равад, аз кадом адлу инсоф ҳарф задан лозим меояд. Ва сабаби қимат шудани нарху навои бозор магар дар ҳамин иллат, яъне «олиб - сотар» нест?

**Т. НОДИР.**

